# Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар хусуси тасдиқи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Протоколи
Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Протоколи Созишномаи Мадрид дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо, ки 28 июни соли 1989 дар шаҳри Мадрид қабул гардидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида маҳфуздорандаи Протоколи номбурда - Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳниро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Протоколи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Ш. Зуҳуров**

**12 январи соли 2011, №271**
**ш. Душанбе**